**Тақриз**

Ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи Хусусиятҳои –морфобиологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити шимоли Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзи.

Дар шароити иқлими Тоҷикистон ва ҷойгиршавии географии он. ки аксарияти масоҳати онро кӯҳсорон ташкил медиҳанд оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши ҷуворимакка дар кишти асосӣ ва такрорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат мавқеъи муҳимро ишғол менамояд.

Тухми навъу дурагаҳои ҷуворимаккаи аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ воридшуда аз сабаби мутобиқ набуданашон ба иқлими гарм ва ҳарорати баланди ҳаво қобилияти афзоиши (ҳаётгузаронии) гардҳо суст инкишоф ёфта, ба нопурра гардолудшавии сӯтаҳо оварда меравсонад ва дар натиҷаи он ҳосилнокии дон паст мегардад.

Таҳқиқотҳои муассисаҳои илмӣ самаранокии татбиқи васеъи зироати ҷуворимаккаро дар системаи истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда исбот намуданд. Аммо таҳқиқотҳои иҷрошуда, аз ҷумла дар самти селексияи ҷуворимакка ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат пурра ҷавобгӯй намебошад, чунки дар шароити зуд тағйирёбии иқлим навъҳои ихтироъшуда хусусиятҳои морфо-биологиашонро гум карда ба гирифтани ҳосили паст ва гирифторшавии касалиҳои занбӯруғӣ оварда расонида истодааст.

Бинобар, ҳамин корҳои илмию таҳқиқотҳоии муаллиф бо мақсади омӯзишу таҳлили хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар минтақаи Шимоли Тоҷикистон гузаронида шудаанд ва дар натиҷа навъҳои серҳосилу бо давраҳои гуногуни пухтарасии дон ихтироъ карда шудааст, ки ин аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф дар натиҷаи дуруст ба роҳмондани таҳқиқотҳои илм ва корҳои селексионӣ дар давоми солҳои 2011-2015 дар зинаҳои гуногуни парваришгоҳҳои селексионӣ зиёда аз 400 навъ ва намунаҳои ҷуворимаккаи ватанию хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст .Аз таҳлили нишондодҳои маҳсулнокӣ бармеояд, ки намунаҳои ҷуворимакка вобаста ба мансуб

будан ба гурӯҳҳо аз ҳамдигар фарқият доранд. Намунаҳои ҷуворимаккаи гурӯҳи тезпаз, дорои сӯтаҳои нисбат хурдӣ 16,4-19,1 см дарозӣ ва ғавсии 3,2-3,5 см мебошанд. Миқдори дон дар як сӯхта 520-611 адад, вазни дони он ба 117-153 г баробар аст. Вазни 1000 дони ин намунаҳо 218-246 г-ро ташкил медиҳанд. Ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи намунаҳои тезпаз ба 52,5-60,8 с/га баробар шудаанд, ки ин нисбат ба навъҳои назоратӣ 1,5-9,8 с/га зиёд аст.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ кори ба анҷом расидаи илмӣ буда ба талаботҳои КОА и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда худи унвонҷӯ ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзи сазовор мебошад.

Муовини директори Институти чорводорӣ

Ва чарогоҳи АИКТ оид ба илм н.и.к. Раҷабов Н.А.

Имзои Газабов Н.Н. тасдиқ менамоям.

Сардори шк

Асоева С.Х.